# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.KOA-011 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)

**Парвандаи аттестатсионии №______________________**
**Карори шурои диссертатсионӣ аз 12.09.2025, №________**

Барои сазовор донистани Афзалшоҳи Сафархон шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D070500 – Амсиласозии математикӣ ва компютерӣ: 6D070502 – Амсиласозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо

Диссертатсияи Афзалшоҳи Сафархон дар мавзуи *«Амсиласозӣ ва сохтани технологияи автоматикунонии ҳисобкунии таҳлили NPS дар системаи бонкҳо бо мақсади оптимизатсияи тақсимоти захираҳои пулӣ»*

Аз рӯйи ихтисоси 6D070500 – Амсиласозии математикӣ ва компютерӣ: 6D070502 – Амсиласозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо ба ҳимоя санаи 2-юми июли соли 2025 қабул карда шуд, протоколи №91, шурои диссертатсионии 6D.KOA-011, ки дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 04 феврали соли 2022, № 53/шд (инчунин аз 28 марти соли 2025, № 122/шд) таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Афзалшоҳи Сафархон 5-уми майи соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2014 факултети математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айниро бо ихтисоси информатика-математика (Дипломи ДМБ №0011522 аз 07.07.2014, №1623, ш. Душанбе) хатм намуда, соли 2016 магистратураро дар факултети информатика Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав ҳоло Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро бо ихтисоси информатика (Дипломи ДМА №0000724 аз 20.07.2016, №166, ш. Бохтар) хатм намудааст.

Солҳои 2016 то 2019 чун докторанти (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D070500 – Амсиласозии математикӣ ва компютерӣ дар кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатика, зери роҳбарии д.и.ф.м., дотсент Одинаев Р.Н. фаъолияти илмӣ бурдааст.

Маълумотнома оид ба хатми докторантура 02 феврали соли 2025 аз тарафи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дода шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

Доктори илмҳои физикаю математика, дотсент Одинаев Р.Н.

**Муқарризони расмӣ:**

Наҷмиддиниён Асадулло Мирзо – доктори илмҳои физикаю математика, дотсент, Вакили маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Яқубов Нурмаҳмад Сайдаҳмадович – номзади илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи математикаи олии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар хулосаи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи математикаи олӣ Кабиров А.Т., номзади илмҳои физикаю математика, мудири кафедраи математикаи олӣ Шадманов М.У. навишта шуда, аз ҷониби ректори донишгоҳ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сатторзода Б.А. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Афзалшоҳи Сафархон дар мавзуи *«Амсиласозӣ ва сохтани технологияи автоматикунонии ҳисобкунии таҳлили NPS дар системаи бонкҳо бо мақсади оптимизатсияи тақсимоти захираҳои пулӣ»* кори илмии баитмомрасида буда, довталаби дараҷаи илмӣ зиёда аз 11 интишороти илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад. Кори илмӣ-таҳқиқотии баитмомрасидаи дорои навгониҳо ва натиҷаҳои илман асоснокшуда буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, № 267 (дар таҳрири қар. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 26.06.2023 №295))-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нисбат ба диссертатсияҳои доктори фалсафа (PhD) муқаррар шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Афзалшоҳи Сафархон сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D070500 – Амсиласозии математикӣ ва компютерӣ: 6D070502 – Амсиласозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо мебошад.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо мутахассисони намоёни соҳаи таҳқиқотӣ ба ҳисоб рафта, соҳиби корҳои илмии банашррасонидашудаи ба мавзуи диссертатсия наздик мебошанд.

**Интихоби муассисаи тақриздиҳанда** бо он асоснок карда мешавад, ки дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон олимони маъруфу

мутахассисони босалоҳият ба кору фаъолият фаро гирифташуда, дастовардҳои бузурги илмӣ, аз ҷумла ба мавзуи диссертатсия наздикро доранд ва метавонанд арзишҳои илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро объективона арзёбӣ намоянд.

Унвонҷӯ доир ба мавзуи диссертатсия 11 маводи интишорӣ дорад, ки 6-тои онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ва КОА-и Вазорати маориф ва илми ФР ба нашр расидаанд. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро дуруст инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Мақолаҳои илмии асосии муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**[1-М].** Афзалшоҳи, С. Мисолҳои модели полиномиалии «даромади миллӣ» [Матн] / Н.М. Наимов, А.Н. Хамидова, А. Сафархон // Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2017. – №1-3(47). – С. 267-271. – EDN YLCXFX.

**[2-М].** Афзалшоҳи, С. Усули симплексии ҳалли масъалаи барномасозии хаттӣ / С. Афзалшоҳ // Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2020. – №1-4-2(80). – С. 148-154. – EDN BUDEOH.

**[3-М].** Афзалшоҳи, С. Амсилаҳои беҳтаркунии низоми бонкӣ бо як асос / С. Афзалшоҳ, М.Қ. Юнусӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои табиӣ. – 2021. – №3. – С. 28-39. – EDN KRZMAP.

**[4-М].** Афзалшоҳи, С. Амсилаи математикӣ ва компютерии автоматикунонии воситаҳои қарзӣ дар бонк / С. Афзалшоҳ // Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои табиӣ. – 2022. – №2-3(102). – С. 26-31. – EDN OBUEKT.

**[5-М].** Afzalshohi, S. Using linear programming methods to solve problems of optimizing the bank's advertising budget / R.N. Odinaev, S. Afzalshoh // Bulletin of the Tajik national university. Series of natural sciences. – 2024. – №2. – PP. 3-11.

**[6-М].** Афзалшоҳи, С. Таҳқиқи нишондиҳандаи NPS бо истифода аз муодилаи регрессия / С. Афзалшоҳ // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои табиӣ. ISSN 2663-6417. – 2024. – №2-3(126). Қисми 2. – С. 19-22. – EDN OBUEKT.

**Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:**

**[7-М].** Афзалшоҳи С. Дискретная задача оптимального управления с неопределённым критерием качества / Международная научная конференция на теме «Современные проблемы математики. Методы, модели, приложения». – Воронеж, 2016. – С. 8-13.

[8-М]. Афзалшоҳи С. Моделиронии математикии масъалаҳои истеҳсолӣ ва ҳалли онҳо / Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои муосири математика ва методикаи таълими он». – Бохтар: ДДБ ба номи Носири Хусрав, 2019. – С. 55-58.

[9-М]. Афзалшоҳи, С. Модели оптимизатсионии буҷети таблиғотии бонк / С. Афзалшоҳ / Таҳлили компютерии масъалаҳои илм ва технология: маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба «Солҳои 2020-2040 эълон гардидани 20-солаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе, 2023. – С. 349-353. – EDN TZMMPE.

[10-М]. Афзалшоҳи, С. Модели оптимизатсионии тақсимоти маблағҳо дар системаи бонкӣ / С. Афзалшоҳ / Маводи конференсияи XII-уми байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои муосири моделсозии математикӣ ва татбиқи он», бахшида ба «Солҳои 2020-2040 эълон гардидани 20-солаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе, 2024. – С. 130-133.

[11-М]. Одинаев Р.Н., Афзалшохи С. Непрерывная модель распределения запросов и денежных ресурсов / Материалы XII – международной научно-практической конференции «Современные проблемы математического моделирования и её применения», посвященная «2020-2040 годы, 20-летию изучения и развития естественных, точных и математических наук в области науки и образования» и «75-летию Таджикского национального университета». – Душанбе, 2024. – С. 147-152.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ:**

- **коркард карда шудааст,** амсилаҳои математикӣ барои тақсимоти самараноки дархостҳо ва захираҳои пулӣ дар системаи бонкӣ ва баррасии усулҳои беҳтарини тақсимот барои оптимизатсияи захираҳо ва дархостҳо;
- **пешниҳод шудааст**, алгоритмҳои аниқ барои ҳалли масъалаҳои марбут ба тақсимоти захираҳо ва дархостҳо, инчунин равишҳои гуногуни алгоритмӣ барои беҳтар кардани самаранокии ҳисобҳо ва тақсимот;
- **исбот шудааст,** шартҳои зарурӣ ва кифоягии усулҳои нави идоракунии оптималӣ, аз ҷумла намуди Беллман барои таҳлили NPS;
- **ҷорӣ гардидааст,** усулҳои барномасозии хаттӣ барои оптимизатсияи буҷети таблиғотии бонкҳо, ки муассирии таблиғот ва истифодаи беҳтари захираҳоро таъмин намояд;

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- **исбот намудани** усулҳо барои таҳқиқ ва оптимизатсияи равандҳои бонкӣ, амсиласозии динамикӣ ва автоматизатсияи системаҳои ҳисобкунии таҳлили NPS;

- **истифода бурдани** алгоритми махсус барои муайян кардани таҳлили NPS бо мақсади оптимизатсияи тақсимоти шумораи дархостҳо ва манбаҳои пулӣ;
- **ошкор гардидааст,** усули нави математикии масъалаи идоракунии оптималии системаҳои бонкӣ бо як асос дар шароити иқтисодиёти миллӣ;
- **омӯхта шудааст,** усулҳои нави идоракунии оптималӣ, аз ҷумла намуди Беллман ва Юнусӣ бо мақсади оптимизатсияи тақсимоти маблағҳо;
- **аз нав такмил додани** амсилаи математикӣ барои раванди ҳисоб ва таҳлили NPS бо ҳамгироӣ ба системаи умумии идоракунии бонк;

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешавад, ки:**

- **коркард ва ҷорӣ карда шудаанд,** амсилаи модификатсияшудаи Беллман барои идоракунии оптималии системаҳои бонкӣ пешниҳод гардидааст;
- **муайян карда шудааст,** ки ҳалшавандагии системаи муодилаҳои дифференсиалӣ барои динамикаи тақсимоти захираҳои бонкӣ байни истеъмолгаронро бо дарназардошти фосилаҳои вақт ва фоизҳои баргашт тавсиф мекунад;
- **офарида шуд** алгоритмҳои аниқ барои ҳалли масъалаҳои марбут ба тақсимоти захираҳо ва дархостҳо, инчунин равишҳои гуногуни алгоритмӣ барои беҳтар кардани самаранокии ҳисобҳо ва тақсимот;
- **муаррифӣ карда шуд** амсилаҳои математикӣ барои тақсимоти самараноки дархостҳо ва захираҳои пулӣ дар системаи бонкӣ ва баррасии усулҳои беҳтарини тақсимот барои оптимизатсияи захираҳо ва дархостҳо.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот:**

- **эътимоднокии** натиҷаҳои илмии кор бо сохтани амсилаҳои беҳтарини системаҳои бонкӣ бо мақсади оптимизатсия ва самаранокӣ, инчунин баррасии самаранокии амсилаҳо ва пешниҳоди ислоҳоти зарурӣ асоснок карда мешаванд;
- **назария дар асоси** дурустии натиҷаҳои бадастовардашуда бо ёрии исботҳои дақиқ тавсиф дода шудаанд;
- **дурустии ғояи** натиҷаҳои бадастовардашуда бо ёрии таҳлили имкониятҳои автоматизатсия барои самаранокии ҳисобкунии таҳлили NPS ва таҳқиқи технологияи автоматикӣ барои истифода дар системаи бонкӣ, бо мақсади баланд бардоштани дақиқӣ ва самаранокии раванди таҳлил тавсиф дода шудаанд;
- **истифода шудани** технологияҳои мувофиқ ва воситаҳои компютерӣ барои амалӣ кардани автоматизатсия ва ҳисобкунии таҳлили NPS дар системаи бонкӣ;

- **муайян шудаанд** формулаҳои ҳисоб намудани оптимизатсияи ҳисобкунии таҳлили NPS;
- **истифода карда шудани** роҳҳои нави моделсозии системаҳои бонкии дар асоси якҷоясозии методҳои барномасозии хаттӣ ва назарияи идоракунии оптималӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Муҳокимаҳо ва интишороти натиҷаҳои илмӣ бо ҳаммуаллифон ва роҳбари илмӣ гузаронида шуданд, аммо мундариҷаи асосии ин таҳқиқот ва муқаррароти дифоъ саҳми шахсии муаллифро дар кори иҷрошуда инъикос мекунанд.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ 12 сентябри соли 2025 қарори сазовор донистани Афзалшоҳи Сафархонро ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D070500 – Амсиласозии математикӣ ва компютерӣ: 6D070502 – Амсиласозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд (як нафар ба тариқи маҷозӣ), аз ҷумла 5 нафар докторон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар ҳайати умумии шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа чунин овоз доданд: тарафдор – 16 нафар; муқобил – нест; бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионии
6D.КОА.011, д.и.ф.м., профессор Илолов М.

Котиби илмии
шурои диссертатсионии 6D. КОА-011,
номзади илмҳои физикаю математика Ғафоров А.Б